ТАҚРИЗ

ба автореферати номзадии Искандари Ориф дар мавзуи “Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ

Таҳқиқи масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо яке аз мавзуъҳои актуалии илмӣ ба ҳисоб меравад, ки бо таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик иртиботи ногусастанӣ дорад. Абдуллоҳи Ансорӣ ҳамчун ориф, мутафаккир ва адиби маъруфи замони худ, на танҳо дар рушди афкори ирфонӣ ва насри сӯфиёна нақши бузург дорад, балки ба осори манзум низ диққати махсус дода шудааст.

Таҳқиқи масъалаи ашъори мансуб ба Абдуллоҳи Ансорӣ дар адабиётшиносии муосири тоҷикӣ аз масъалаҳоест, ки пайгирии ҷиддиро талаб менамояд ва дар ин замина, аз ҷониби аҳли илм тадқиқотҳои судманд анҷом меёбанд, ки ҳар яке аз онҳо дар таҳқиқу баррасии мушкилиҳои илми адабиётшиносии тоҷик мавқеи хосса доранд.

Дар ин росто, кори таҳқиқотии муҳаққиқ Искандари Ориф аз он ҷиҳат аҳамияти хосса дорад, ки баҳсҳои мавҷуда дар атрофи муаллифияти ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ баррасӣ шуда, арзишҳои ғоявию бадеии осори ӯ таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифтааст.

Аз маълумоти дар автореферат дарҷшуда бармеояд, ки диссертатсияи Искандари Ориф аз муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқ, се боб, нуҳ фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёту нашри таълифоти илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия таркиб ёфтааст.

Аз мазмун ва муҳтавои диссертатсия дар мавзуи “Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо” бармеояд, ки кори илмии пешниҳодшуда ба таври возеҳ ба се самти асосӣ равона шудааст:

1. Хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъор. Муаллиф хусусиятҳои ғоявию бадеии ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва нуктаҳои маънавии шеърҳорои ӯро

мавриди таҳлили амиқ қарор додааст. Ба ин васила, муҳаққиқ тавонистааст муҳимтарин хусусиятҳои жанрӣ ва асоситарин вежагиҳои мавзуии осори бадеӣ ва ҳунари шоирии адибро муайян созад.

2. Таҳқики манбаъшиносии осори Абдуллоҳи Ансорӣ. Муаллиф манбаъҳои мухталифи хаттӣ ва чопии осори ӯ, ки дар Тоҷикистон ва Эрону Афғонистон маҳфузанд, мавриди баррасӣ қарор дода, мансубияти ашъори адибро бо далелҳои илмӣ таҳлил менамояд. Дар ин раванд, муаллиф бо истинод ба осори муҳаққиқони форс-тоҷик ва таҳқиқоти ҷаҳонӣ, баҳсҳои ҷиддиро перомуни ашъори адиббро пешниҳод мекунад.

Яке аз ҷиҳатҳои нав ва муҳимми ин таҳқиқот ҳам дар он аст, ки муаллиф бори аввал баъзе ашъори Абдуллоҳи Ансориро бо такя ба манбаъҳои аслӣ ва хаттӣ мавриди баррасии хос қарор додааст. Муаллиф кӯшиш кардааст, ки сарчашмаҳои муқоисавиро ҷамъоварӣ намуда, ҳукмҳои таҳқиқгарони пешинро бознигарӣ кунад ва бо далелҳои илмӣ масъалаи муаллифияти ашъорро таҳқиқ намояд. Ин равиш дар илмҳои адабиётшиносӣ хеле арзишманд аст, зеро осори ирфонӣ, махсусан ашъори Ансорӣ, дар олами андешаи форсӣ-тоҷикӣ нақши муассир доранд.

3. Таҳлили сабку услуб. Дар диссертатсия махсусан сабки хосси Абдуллоҳи Ансорӣ дар ашъор, аз ҷумла вежагиҳои асосии забон ва сабки баён, муайян кардани авзон, қофия, радиф ва санъатҳои бадеии маъмулу сабксоз, хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф осори Ансориро бо дигар шоирони ирфонӣ, монанди Абусаид Абулхайр муқоиса намуда, вижагиҳои хоси услуби адабии ӯро равшан месозад.

Метавон гуфт, ки саҳми муҳаққиқ Искандари Ориф дар шинохти сабки адабии Абдуллоҳи Ансорӣ, таҳлили ғоявии ашъори ӯ ва арзёбии мақоми он дар адабиёти классикӣ назаррас мебошад.

Аз муҳтавои диссертатсия бармеояд, ки муаллиф бо сабки хуби илмӣ ошно шуда, бо он вазифаҳое, ки дар назди худ гузоштааст, комёб гардидааст. Рисолаи илмии Искандари Орифро зери унвони Масъалаҳои интисоби ашъори Абдуллоҳи Ансорӣ ва хусусиятҳои ғоявию бадеии онҳо" тадқиқоти пурраи

анҷомёфта махсуб гардида, ҷавобгӯ ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ аст.

Мудири кафедраи забони тоҷикӣ
ва ҳуҷҷатнигории Академияи идоракунии
давлатииназди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ф., дотсент Додихудоев Р.М.

Сана: 19.12.2024
ш. Душанбе, н.Фирдавсӣ, куч. Рустам Амакӣ-2
bestmuslim@mail.ru (+992) 107000104

Имзои Р.М. Додихудоевро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

Суроға: шаҳри Душанбе,
кӯчаи Саид Носир 33.
Телефон: (372) 24 8945
Сана: 19.12.2024